**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 61/2с
аз «13» 05 соли 2024

Хулоса доир ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда риоя гардидааст.

2) дар лоиҳа ӯҳдадорӣ барои ташкилот ва корхонаҳои тиҷоратии хориҷӣ пешбинӣ нагардидааст.

3) дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои ташкилот ва корхонаҳои тиҷоратии хориҷӣ ҷой надорад.

4) лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасосро пешбинӣ наменамояд.

5) лоиҳа барои фаъолияти самараноки арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, тартиб, шартҳои эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои онҳо мусоидат менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.